# ОДИНА ҲОШИМОВ



**ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**КИТОБХОНАИ ДАВЛАТИИ БАЧАГОНАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ба номи М. МИРШАКАР**

**СИЛСИЛАИ ФАРҲАНГ ВА ИЛМ**

# ОДИНА ҲОШИМОВ

**(Китобномаи шарҳиҳолӣ)**

***Мураттибон:***
***Қурбон Авгонов,***
***Сайзароб Надиров***

**Душанбе**
**«Истеъдод»**
**2014**

**ТКБ 92я 2+91.9:85.31 тоҷик**
**О- 42**

Муҳаррир ва муаллифи пешгуфтор
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
***Қурбон Авгонов***

Пажуҳиши библиографӣ: ***Сатторова Азиза***
Масъули чоп: ***Пираева Холбибӣ***

**Одина Ҳошимов: Китобномаи шарҳиҳолӣ / Мураттибон Қурбон Авғонов, Сайзароб Надиров; Муҳаррир ва муаллифи пешгуфтор Қурбон Авғонов.- Душанбе: Истеъдод, 2014.- 48 с.**

**ISBN 978–99947–1-021-8**

**© КДБЧ ба номи
М. Миршакар, 2014**

## ПЕШГУФТОР

Китобномаи мазкур осори чопию электронии эҷодии ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Одина Ҳошимов ва адабиёт доир ба фаъолияти эҷодии ӯ, меҳрномаҳои олимону адибон доир ба зиндагиномаи ӯро дарбар мегирад.

Маҷмӯа аз 2 қисм ва кӯмакфеҳристҳо иборат аст.

Дар қисми якуми маҷмӯа номгӯйи мақолаҳову мусоҳибаҳои Одина Ҳошимов ва адабиёти марбут ба ҳаёту фаъолияти ӯ гирд оварда шудааст. Дар ин қисм тамоми навиштаҷоти библиографӣ ба забони асл тибқи стандарти нав тасвир шудааст. Мундариҷаи асарҳои бузургҳаҷм ба намоиш гузошта шуда, асарҳое, ки тавассути сарлавҳаҳо дарки мазмуни нашрашон душвор аст, бо тавсифҳои маълумотӣ таъмин гаштаанд. Мавод дар қисмҳо ва зерқисмҳои китобнома тибқи замони чопи асарҳо ва дар дохили онҳо бо тартиби алифбо аввал ба забони тоҷикӣ ва сипас ба забони русӣ ҷо ба ҷо гузошта шудааст.

Қисми дуюми маҷмӯа «Адабиёт доир ба Одина Ҳошим» ном гирифта дар ин қисмат гуфторҳои аҳли қалам дар васфи ҳофизи зиндаёд Одина Ҳошимов, ки рӯи қоғаз омадаву ба чоп расидаанд, ҷой дода шудааст.

Китобнома дар асоси захираи Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар, Китобхонаи илмии Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоот, органи иттилооти Хонаи китоб «Солномаи матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар ҳамкорӣ бо писари марҳум Раҳматуллоҳи Ҳошим мураттаб шуда, маводи чопии солҳои 1960-2013 интишорёфтаро дарбар мегирад.

Барои осон намудани пажӯҳиш дар поёни китобнома кӯмак-феҳристҳои алифбоии асарҳо ва ашхос пешниҳод шудаанд.

Маҷмӯа ба донишҷӯёну омӯзгорон, муҳаққиқону мутахассисони соҳа барои бештару хубтар ошноӣ пайдо кардан ба осор ва натиҷаи таҳқиқотҳои анҷомдодаи Одина Ҳошимов, кӯмак хоҳад расонд.

## МАРДРО ЭЪТИБОР ДАР ҲУНАР АСТ

Одина Ҳошимов ҳанӯз шаш даҳсола пеш бо садои фораму марғуладор рӯи саҳнаи тоҷик падидор гашта буд.

Садои дилнишину рӯҳафзояш аз дуриҳои дур роҳ гирифт ҷониби қалбҳо. Шӯҳраташ дакка хурд то сурайё. Барои хурду калон, барои мардуми тамоми минтақаҳои кишвар Одина Ҳошимов маҳбубу пазируфта шуд аз ибтидо то интиҳо. Барои бори дигар рӯ овардан ба гузаштаҳои рангин, ба умри босамар сипарикардаи ин булбули хушнаво, барои бори дигар ошно намудани насли наврас ба ҳунари ин ҳунарманди нотакрору тавоно варақ мезанем китоби зиндагиномаашро, ки хеле аҷиб асту хеле гуворо.

Ин ҳофизи хушхон, ин фарзонафарди майдони ҳунар 13- уми июни соли 1937 дар деҳаи Нимдараи ноҳияи Даштиҷуми ҳозира ноҳияи Шуроободи вилояти Хатлон, дар оилаи санъаткори шинохта, мусиқидони варзида, Ҳофизи халқии ҷумҳурӣ Ҳошим Қосимов тавлид гашта, дар домони модари боиффати адабиётдӯст, донандаи хуби осори Ҳофизу Бедил ва даҳҳо суханварони мумтози классик тарбият ёфтааст. Чун ҳафт пушташ дилбохтаи санъату ҳунар буд, ӯ низ меҳр баст ба ин ҷодаи пурифтихор. Аз хониши падар, аз ромиши падар дар дили кучаки Одина нисбат ба ҳунари сарояндагӣ ва навозандагӣ як дилгармӣ, як муҳаббати ногусастание бедор гашт.

Ворид шуд ба ин роҳи пуршебу фароз ва бо ҳамин ҳунар, бо ҳамин маҳбубият сипарӣ намуд ҳаёти пурбаракати хешро. Дилбастагӣ ба суруд, ба наво саманди орзу Одинаро овард ба майдони набарди ҳунар, ки муваффақаш сохт. Аниқтараш бо умеду орзу, бо дуои қиблагоҳи соҳибҳунар пас аз хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳояшро ба шуъбаи созҳои миллии Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе супурд ва бо сари баланд гашт сазовори номи донишҷӯ.

Тӯли се сол дар ин боргоҳи ҳунар аз устодони сахтгиру серталаб нозукиҳои навозандагию сарояндагӣ аз бар карду соли 1959 ҳамчун мутахассиси ҷавон фаъолияти кориашро аз театри халқии ноҳияи Москва (Мирсайид Алии Ҳамадонӣ) ба сифати режиссёр оғоз намуда, то соли 1962 дар ин пеша масъулият нишон дод. Чун коргари содиқ, ҷӯянда ва нававар маҳбубият пайдо намуда, ба боварии роҳбарон сазовор шуд ва соли 1962 ба зимаи Одинаи ҷавон, ба Одинае, ки ҳамагӣ 25 сол дошт вазифаи басо пурмасъулият, сарварии театри драмаи мусиқии шаҳри Кӯлобро вогузоштанд. Муддати 13-сол дар ин кори пурзаҳмат ифои вазифа намуда, беҳтарин асарҳои саҳнавиро рӯи саҳна гузошт, ки аз ҷониби мухлисон баҳои баландро

ноил гашт. Аз соли 1975 то соли 1980 ба сифати солисти театри мазкур кор кард.

Нахуст суруди Одинаи Ҳошимов «Ленин бародар раҳнамо» бар матни шоир Сайидалӣ Вализода ӯро миёни ҳаводорон маъруфу машҳур намуда, дар сини биступанҷсолагӣ бо унвони Ҳофизи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфарозаш гардонд. Сипас сурудҳои «Гулъузори ман куҷост?» (ғазали Ҳилолӣ), «Рафтӣ» (Сайидо), «Охир эй сарви хиромон зи кадомин чаманӣ» (ғазали Ҷомӣ), «Соқиё бархезу деҳ ҷомро» (ғазали Ҳофиз), «Хиҷил аст сарви бӯстон бари қомати баландаш » (ғазали Саъдӣ), «Ба завқе такя бар шамшер ҷисми лоғарам дорад» (ғазали Соиб), «Аз чашми пурхумори ту мастӣ намеравад» (ғазали Ҳасани Деҳлавӣ), «Ё ҳар ду» (ғазали А. Лоҳутӣ), «Куҳан диёро» (ғазали Нодири Нодирпур) ва садҳои дигар, ки саршори меҳру муҳаббати поки инсонӣ, садоқат, некӣ  ва дилрабоӣ буданд, дар иҷрои Одина Ҳошимов дилпазир ва форам ба самти ҳаводорони санъат расонида шуд ва то имрӯз бо ҳамон садои нотакрор аз тариқи садову симо ба ихлосмандони ҳунари ин ҳунарманди нотакрор пешкаш карда мешавад.

Ҳунари дигаре, ки Одина  Ҳошимовро миёни мардум шуҳратёр на-муд, ин ҳунари фалакхонию фалакдонии ӯст. Ҳамчун сарояндаи ҷӯяндаву навовар дар зиндаю ҷовид гардонидани асари сертаркибаи «Фалак»  хизмати шоистаеро касб кардааст. Дар ин ҷода Одина Ҳошимов бо машҳуртарин фалаксароён, бо устодони маъруфи санъати сарояндагӣ Ҳоҷӣ Абдулазиз, Содирхони Ҳофиз, Домулло Ҳалим, Шоҳназар Соҳибов ва Шариф Ҷӯраев дар як поя қарор дошту шӯҳраташ натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар Эрону Афғонистон низ паҳн буд.

Соли 1972 фалаксароёни машҳури афғон Мангал, Карим, Нурмуҳаммад, Раҳимҷон, Абдурасул ва Акбар Лоло Одина Ҳошимовро ба Афғонистон даъват намуданд, то ҳунарашро ба ҳаводорони афғонаш намоиш бидиҳад. Аниқтараш дар озмуни «Фалаксароёни мумтоз», ки  дар шаҳри Қундуз барпо гардид, ба ҳайси намояндаи Тоҷикистон даъват шуда буд ва дар ин озмун ғолиби ҷои аввал дониста шуд.

Ва метавон зикр кард, ки худ аз мактаби ҳунари санъаткорони мумтози кишвар таҷриба гирифта, ҷавобан ба ин шогирдони зиёдеро низ тарбия намудааст, ки миёни онҳо метавон номи Гулчеҳра Содиқова, Файзалӣ Ҳасанов, Мирзоватан Миров, Озодамоҳ Мӯҳтарамоваро боифтихор ба забон гирифт. Борҳо дар даҳаҳои

адабиёт ва санъати тоҷик ширкат ( РСФСР соли 1965, дар Москва соли 1967, дар РСС Ӯзбекистон соли 1968) намуда, санъати волои тоҷикро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намудааст. Илова бар ин ин ҳунарманди нотакрор Одина Ҳошим ба ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ ва кишварҳои хориҷа аз қабили Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Эрон, Яман, Ироқ, Кувайт, Адан сафарӣ ҳунарӣ намуд, бо ҳунари воло дили мухлисонашро ба ваҷд овардааст. Фарҳангу санъати бою рангини миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намудааст.

Одина Ҳошимов бо услубу равияи хос ва шеърдонию шеършиносӣ дар байни мардуми мамолики Шарқ обрӯю эътибори беандоза дошт. Пеш аз ҳама мувофиқати комили мазмуну шеъру оҳанг, дарки ниҳоят хуби тарҳу вазн, усулу савт, нолаи дилрабою ороиши оҳангӣ, шунавоии мутлақ ва ҳифзу аз худ кардани садҳо байту шеър бозгӯи забардастии ин санъаткори моҳир аст,-мегӯяд Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Алиризо Раҳмонқулов ва меафзояд:

Шеъри тоҷикро ба мисли ӯ набуд донандае,
Дар рамузи нуктадонӣ беғалат хонандае.
Тору пуди ҳофизиро беҳтарин бофандае,
Қасри эҷодаш бимонад дар ҷаҳон пояндае.

Тавре ки зикр намудем ин марди ҳунар фарзанди фарзонаю нотакрори миллати тоҷик Одина Ҳошимов аз соли 1953 то вопасин соли ҳаёт дар ҷодаи санъат ҳунарнамоӣ карда, бо ҳунари нотакрори хеш дар дилу дидаи мардум маъво гирифт. Хизматҳои шоёни ин марди шариф аз ҷониби давлату ҳукумат бо унвонҳои фахрӣ, аз қобили медали «Барои меҳнати шуҷоатнок», Грамотаҳои Фахрии Президуми Совети Олии РСС Тоҷикистон, Ҳофизи Халқии РСС Тоҷикистон ва ҷоизаи Лауреати Мукофоти давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қадрдонӣ шудааст.

Хуллас, унвони аз ҳама асосӣ «Ҷойгузини дилу дида» маҳсуб меёбад, ки ин унвон ба Одина Ҳошимов ҳанӯз аз рӯзҳои аввали рӯи саҳна омадан насиб гашта буду бо ҳамин унвон, бо ҳамин эҳтиром ва бо ҳамин меҳри бепоёни мухлисон ӯ 16-уми ноябри соли 1993 оламро тарк кард.

Одина Ҳошимове, ки тамоми умр баҳри болидагии хотири мардум, гарму фароғатбахш намудани маҳфилҳо, чорабиниҳо пайваста омода буд, имрӯз миёни ихлосмандон нест, вале номи ӯ, садои нотакрори ӯ ва меҳру муҳаббати ӯ умре дар қалбу дар забонҳо абадист.

Таърифу сифати ҳунари ин абармардро ҳар қадар гӯем боз, ногуфтаҳош мемонад, вале мо то ҷои тавон ҳар он маълумотеро, ки оиди ин ҳунарманд дастрас намудем, гирдовардем. Дар охирсухани хеш марсияи Салими Хатлониро ёдовар мешавем, ки хеле оливу муассир эҷод шуда:

Пайғомбари ишқ ба пайғоми наво рафт,
Хунёгари Исонафаси аҳли вафо рафт.
Аз ҷабри ҳарифони фалак то ба ҷафо рафт,
Ӯ рафт, ки аз маҳфили мо нури сафо рафт.
Одина аз ин даҳр ба фарёди малак рафт,
Одина ба пардози ғамободи фалак рафт.

***Авгонов Қурбон***

# ОДИНА ҲОШИМОВ ДАР АШЪОРИ АДИБОН

***Лоиқ***

Он мард, ки аз нусхаи Қосим бошад,
Дар саҳни ғазалсарой доим бошад.
Аз баҳри сурудани дилу нияти халқ
Ҳофиз бошад Одина Ҳошим бошад.

***Қутбӣ Киром***

Шукри дастурхони тоҷик,
Шукри  фарзандони тоҷик.
Шукри шаҳру боғи саҳро,
Шукри кӯҳистони тоҷик,
Шукри инсофу адолат.

Шукри бахти пойдор,
Шукри нони пахтакор,
Шукри ҷони пахтакор,
Шукр, эй Одина Ҳошим
Боз бишнидам садоят.

***Шоҳмузаффар Ёдгорӣ***

Гулҳои ҳазоранг дорад  Кӯлоб,
Мардони ба ному нанг дорад Кӯлоб,
Аз бахти баланди хеш дар хонаи худ
Одинаю тору чанг дорад Кӯлоб.

**Баёз**

***Муҳаммад Ғойиб***

Ба мисраҳои ҷонгудоз,
Ба байтҳои чун баёз,
Дар ҷону дил ҷо гаштаӣ,
Чун меҳр, чун дунёи роз,
Одина Ҳошим зинда бош!
Дил  дар такудав мекунӣ,
Сӯзи кӯҳан нав мекунӣ.
Бар кӯи Ҳофиз мебарӣ,
Меҳмони Хусрав  мекунӣ,
Одина Ҳошим зинда бош!

Саъдии номӣ  аз ту шод,
Румию Ҷомӣ аз ту шод.
Бо нағмаҳои тори хеш,
Аждоди худ орӣ ба ёд,
Одина Ҳошим зинда бош!
Ҳар гаҳ ки мегӯӣ сухан,
Ояд ҳама бар ёди ман.
Ашки муҳаббат мешавад,
Ҳар нуқтаи эҷоди ман,
Одина Ҳошим зинда бош.

***Зиё Абдулло***

Дишаб шаби Одина буд,
Ҳар шаб ки буд, Одина буд.
Мебурд чун оби равон,
Дар ҳар диле, ки кина буд.
Карда Аҷамро зеру рӯ
Дарди ғами дерина хонд,
Дарду ғами деринаи
Имсолаву порина хонд.

Аз қаҳкашон бикшода гӯш,
Ҷони замин арғушт рафт
Ӯро фалак мекард гӯш,
Бо созӣ ӯ дар чашми ҳуш.
Дишаб шаби  Одина буд,
Бо ӯ замин буд  ҳамхаёл,
Ҳар шаб ки буд, Одина буд.
Бо ӯ фалак ҳамсина буд.

## ТАРОНА

*Саидҷон Ҳакимзода*

Аз синае фарояд чун тармае тарона,
Чун баҳр шӯрангез,чун рӯдҳо равона.
Аз банди дил бирезад оҳанг гуна-гуна,
Моро барад суруде дар олами фасона.
Девони Ҳофиз он ҷо, абёти Бедил он ҷо
Андар диле биғунҷад дунёи шоирона.
То об гаштани мо як сафҳа кам нагардад,
Табъи баланду саркаш будаст бекарона.

## ФАХРИ МИЛЛАТ

*Муҳаммадалӣ Шамсов*

Сукути шаб, ҳама хобанду ту дар шӯру исёнӣ,
Ба ёди шеъри нав ганҷи ниёгонро ту ҷӯёнӣ,
Дили дардошно дорӣ, ки сӯзу соз ҷои ӯст
Аз ин рӯ шеъри Ҳофизро ба сад оҳанг мехонӣ.
«Сухан гуфтию дур суфтӣ, биёву хуш бихон Ҳофиз»,
Чу хуш гуфтаст мегӯиву худ андеша меронӣ.
Пас аз шӯру шарар бар шеъри нав оҳанг мебандӣ.
Зи ҳамсозии оҳангат гаҳе тифлона механдӣ.
Аё, эй фахри миллат ҳофизи ҳофиззавқи мо,
Ту байни имрӯзу фардои миллат решапайвандӣ.
Ҳама ақлу дили солим ба ту, Одина Ҳошим,
Санохонанд бар оне, ки тоҷикзода фарзандӣ.

## ШАКАРГУФТОР

*Хошок Амир*

Саҳаргоҳ асту меояд ба гӯшам турфа овозе,
Шакароҳанги шаҳкори шакарафсонапардозе.
Бурун аз найшакар гӯё ки ин овоз меояд,
Аҷаб дилҷӯю дилбозе, аҷаб пурсӯзу пурсозе.
Бубинам бешароб андар ҳавои ин шакаровоз,
Равон сармаст мегардад, зи шеъри Ҳофизи Шероз,
Шакар мерезад ин овоз дар шири ғазал гӯё,
Ва меёбад бадал савту ғазал бар олами эъҷоз.
Чи эъҷозе, чу ин шеър, ин шакароҳанг ширин аст,
Ҷаҳон ҳамчун замини шеъри Ҳофиз турфа рангин аст.
Замин чун орзуи мутриб ин сония нақшин аст,
Ва ҳар як резасанг алқисса ҳамчун ҷоми зарин аст.

Саҳаргоҳ асту боз Одина, бишнав, мисли шогирде,
Суруди Борбадро мекунад такрор ширинтар.
Бубахшад то ҷавонӣ боз ӯ бар олами эҳсос,
Ҷаҳонро менамояд дар навоҳо акс рангинтар.

## НАВҲАЕ ДАР МАРГИ УСТОД ОДИНАИ ҲОШИМ

*Салими Хатлонӣ*

Пайғомбари ишқ ба пайғоми наво рафт.
Хунёгари Исонафаси аҳли вафо рафт.
Аз ҷанби ҳарифони фалак то ба ҷафо рафт.
Ӯ рафт, ки аз маҳфили мо нуру сафо рафт

Одина аз ин даҳр ба фарёди малак рафт.
Оина ба пардози ғамободи фалак рафт.

Рӯ зад ба дили халқи худо ғам, ҳама гирён.
Як шаҳр шуда хонаи мотам, ҳама гирён.
Як шаҳр чӣ гирён шуда, олам ҳама гирён,
Мурғони чаман, дар ғами одам, ҳама гирён

Одина аз ин даҳр ба фарёди малак рафт.
Оина ба пардози ғамободи фалак рафт.

Умре ҳама дар маъракаи аҳли вафо буд,
Аз кинаи деринаи ин даҳр ҷудо буд,
Не, не, ки на аз Одаму аз ишқи Ҳаво буд,
Ӯ аз нафасу марҳамати поки Худо буд.

Одина аз ин даҳр ба фарёди малак рафт.
Оина ба пардози ғамободи фалак рафт.

Фарёд зи умре, ки ба ёдаш нарасидем,
Имдоди ҷафо гуфт, ба додаш нарасидем.
Дар зиндаги боре ба муродаш нарасидем.
Бар боди фано рафт, ба бодаш нарасидем.

Одина аз ин даҳр ба фарёди малак рафт.
Оина ба пардози ғамободи фалак рафт.

Дар сози дилаш нағмаи мастона шунидем,
Дар рози дилаш ҳасрати ҷонона шунидем.
Дар ҳар нафасаш оҳи ғарибона шунидем,
Аз панди хушаш оқилу девона шунидем.

Одина аз ин  даҳр ба фарёди малак рафт.
Оина ба пардози ғамободи фалак рафт.

Аз ҳаҷр  ба ҷуз мӯяи шабгир надидем,
Дидори накӯяш ба ҷаҳон сер надидем.
Ёрон ҳама дидему батадбир надидем,
Дар давр чу ӯ мавлавию пир надидем.

Одина аз ин  даҳр ба фарёди малак рафт.
Оина ба пардози ғамободи фалак рафт.

Аз рафтани ӯ умр ба ғамҳои гарон гуфт,
Дар мағфираташ рӯҳи Амири Ҳамадон гуфт.
Аз марсияташ ашк ба авроқи замон гуфт,
Бо табъи салиме, ки Салими Хуталон гуфт.

Одина аз ин  даҳр ба фарёди малак рафт.
Оина ба пардози ғамободи фалак рафт.

***Акбар Адбулло***

Нағмаи сози туро гар бишнавам,
Ёди айёми ҷавонӣ мекунам.
Бол бикшоям ба сӯи Дашти Ҷам
Дар ҳавояш шодмонӣ мекунам.

Бас хаёле мебарам бар кӯи  ту,
То биёбам мардуми  бонангро
Мавҷбозии Ниёбу офтоб
Умри гулмонанди рагорангро.

Шӯр мегирад бо оҳанги сафо
Дар садоят чашмаи ноби ғазал,
Раҳ надорад дар вуҷуди ту хазон,
Чунки дорӣ реша дар оби ғазал.

Ҳар кӣ қасде дошт, сӯят бингарад
Бо ҳасад аз он сӯи деворҳо,
Бар алайҳи  он ҳама озорҳо,
Гул шудӣ пируз  бар он хорҳо.

***Ҳайрат Шанбезода***

Овози ту дар куҷост Ҳошим,
Сетори ту бесадост Ҳошим.
Боре ту ба гуши мурдае  хон,
К-ин хок пур аз балост Ҳошим.

Мо ҳастии худ ба бод додем,
Ҳар кӯча пур аз гадодст Ҳошим.
Дар ҳавзи ду дида ман чӣ дидам?
Дар гӯшаи кибирёст Ҳошим.
Рӯидани ҳардумон маҳол аст,
Ин ҳикмати ин дуост Ҳошим.
Мо сабзии сабза интизорем,
Ин гуфта пур аз хатост Ҳошим.
Дар шеъри дарӣ дар лафзи ширин,
Савдозадаи сафост Ҳошим.
Аз деҳу вилоятам набошад.
Аз пеши дари Худост Ҳошим
Аз хок нахезад инчуни мард,
Фарзанди Фалакзиёст Ҳошим.
Маргам бирасад, агар бигӯям,
Аз Ҳайрати ман ҷудост Ҳошим.

***Иброҳими Ҷалилзода***

Дӯстон, хезед акнун нолаву афғон кунем,
Бо сиришти хеш оламро ҳама Уммон кунем,
Нолаҳо дар мотами оқои тоҷикон кунем,
Ёд аз дардошнои мутрибу даврон кунем.

Рафт аз мо ҳофизи пурдону хушовози мо,
Захма аз мизроб рафту нағма рафт аз сози мо.

Шеъри тоҷикро ба мисли ӯ набуд донандае,
Дар рамузи нуктадонӣ беғалат хонандае,
Тору пуди ҳофизиро беҳтарин бофандае,
Қасри эҷодаш бимонад дар ҷаҳон поядае.

Рафт аз мо ҳофизи пурдону хушовози мо,
Захма аз мизроб рафту нағма рафт аз сози мо.

Рӯзи фавташ ҷумла марду зан ҳама мотам гирифт,
Хок ҳам монанди мо дар дӯш бори ғам гирифт,
Осмон бигрист рӯи ин заминро нам гирифт,
Боз мулку ҷони моро лашкари истам гирифт.

Рафт аз мо ҳофизи пурдону хушовози мо,
Захма аз мизроб рафту нағма рафт аз сози мо.

Дар сулуки шеърхонӣ ҳофизи якто буд  ӯ,
Дар ҷаҳони панду ҳикмат олими доно буд ӯ,
Ҷорчии хушсухан бар кишвари дилҳо буд ӯ,
Дар мақоми шеъри Ҳофиз аз ҳама боло буд ӯ.

Рафт аз мо ҳофизи пурдону хушовози мо,
Захма аз мизроб рафту нағма рафт аз сози мо.

Ҳайф, к и бо ҳасрати бисёру нӯши неш рафт,
Сина моламоли дарду бо дили садреш рафт,
Дарди миллат дар дилаш аз ҳарчи гӯи беш рафт,
Чун ғарибе бо олам ӯ аз диёри хеш рафт.

Рафт аз мо ҳофизи пурдону хушовози мо,
Захма аз мизроб рафту нағма рафт аз сози мо.
Сад дареғи ин бузургу шӯҳрати даврони ӯ.
Сад дареғ аз савти ширини ба тан дармони ӯ,
Дар биҳишти ҷовидон ҷо кун, аё раб, ҷони ӯ,
Дар фироқат гуфт Ризқи қиссаву достони ӯ.

Рафт аз мо ҳофизи пурдону хушовози мо,
Захма аз мизроб рафту нағма рафт аз сози мо.

***Зиё Раҳмон***

Кучо шуд он ҳама эҳсосу ранҷат,
Ба бод андохти дунёи ганҷат.
Дареғо, аз ҷаҳон рафтӣ, дареғо,
Ба дилҳо монд сози дардсанҷат.

Туро як сина дард аз байни мо бурд.
Туро ин оҳи сард аз байни мо бурд.
Ғами дунё ба ҷонат ошно буд,
Ғамат бо ранги зард аз байни мо бурд.

Ба доғат тирамоҳи тира дидам,
Садоятро ба гӯши дил шунидам,
Надонистам, ки дунё бевафо буд,
Ба ҷонам то ба додат мерасидам.

Бимонд овои ту дар гӯши мардум,
Бимонд андешаат дар ҳӯши мардум.
Тиҳӣ шуд бе гули рӯят гулистон,
Чунон аз рафтанат  оғӯши мардум.

## КӮҲЗОД

### (барои Одина Ҳошим)

*Муҳаммадалии Нуралӣ*

Бо садои сангрези кӯҳсори Даштиҷум,
Бо навои роздори обшори Даштиҷум,
Бо суруди «майдаё»-и марди кори Даштиҷум,
Ҷӯр шуд лаҳни хуше андар диёри Даштиҷум.

Бо асои подабонӣ дар бари кӯҳи Фурӯш,
Лола аз базмаш ба рақсу чашма меомад ба ҷӯш.
Дар Сиякӯҳ мерасад савти «Фалак» моро ба гӯш,
Шаҳсаворе мефизояд дар канори Даштиҷум.

Ӯ гуле буд,  то ба давронаш гулистон офарид.
Сози кӯҳистониёнро шӯру исён офарид.
Пардаи боло бизад, то пардаи ғамҳо дарид.
Ҳусни нав овард дар ҳусни баҳори Даштиҷум.

Гарчӣ қасри хотираш боло нашуд аз дасти шар,
Гарчӣ сангаш мезанад ҳар бехудову бепадар,..
Шод кай дидӣ, Муҳаммад, хотири аҳли назар?
Бош бо Одинаву бо обшори Даштиҷум.

## РАФТ, РАФТ...

*Маҷид Салим*

Аз баҳори умри мо як ҷони шайдо рафт, рафт.
Аз садои сайдгир оҳуи саҳро рафт, рафт.
Бо ғами дунё яке ғамхори ғамҳо рафт,рафт.
Сад дареғ, Одинаи Ҳошим зи дунё рафт, рафт.

Булбулон андар чаман банди қафас озурдаанд,
Тозагулҳо пушти дасти гулфурӯш пажмурдаанд.
Орифон дар ҳар замон аз ҷабри даврон мурдаанд,
Сад дареғ, устоди ман  пушти аламҳо рафт, рафт.

Боз як девони Ҳофиз зери хоки тар бимонд,
Боз Мавлонои Рум  бе ҳомию дафтар бимонд.
Лашкари санъатварон бе сарвари лашкар бимонд.
Сад дареғо, ровии шеъри салламно рафт, рафт.

## САНАҲОИ МУҲИМИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ ОДИНА ҲОШИМОВ

Одина Ҳошимов 13 июни соли 1938 дар деҳаи Нимдараи ноҳияи Даштиҷуми вилояти Хатлон таваллуд шудааст. 16 ноябри соли 1993 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

| | |
|---|---|
| **1954** | Шӯъбаи созҳои миллии Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанберо хатм кардааст. |
| **1954** | Одина Ҳошимов аввалин маротиба дар саҳна баромад карда, сурудҳои «Лолаҳои Бадахшон», «Ба Москва» ва «Қобил чист, ноқобил чист»-и шоирон Абдулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакарро сурудааст. |
| **1959-1962** | Роҳбари бадеии дастаи ҳаваскорони санъати Театри халқии н. Москва. |
| **1962-1975** | Режиссёри Театри халқии н. Москва. |
| **1963** | Ҳофизи Халқии РСС Тоҷикистон. |
| **1963** | Иштирокчии «Якумин аз назаргузаронии республикавии театрҳои халқӣ», театри халқии райони Москва дар пойтахт. |
| **1965** | Иштирокчии даҳаҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар РСФСР. |
| **1967** | Иштирокчии даҳаҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар ш. Москва. |
| **1968** | Иштирокчии даҳаҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар РСС Ӯзбекистон. |
| **1968** | Сафари ҳунарӣ ба ноҳияҳои Комсомолобод, Ғарм, Тоҷикобод, Тавилдара ва Дарвоз. |
| **1970** | Сафари ҳунарӣ ба давлати исломии Афғонистон |
| **1970-1973** | Сафарҳои ҳунарӣ ба давлатҳои Араб. |

**1972** Факултети забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии шаҳри Кӯлобро хатм кардааст.

**1972** Фалаксароёни номии афғон Мангал, Карим, Раҳимҷон, Нурмуҳаммад, Абдурасул ва Акбар Лоло Одина Ҳошимро ба мусобиқаи «Фалаксароӣ» даъват карда буданд.

**1973** Сафари ҳунарӣ ба давлати исломии Эрон.

**1975-1979** Директори Театри драмаи мусиқии ш. Кӯлоб.

**1980** Солисти Театри драмаи мусиқии ш. Кӯлоб.

**1985** Сафари ҳунарӣ ба давлати Олмон.

**1988** Сазовори Лауреати Мукофоти давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**1990** Сафари ҳунарӣ ба давлати Фаронса.

**1991** Сафари ҳунарӣ ба давлати Муғулистон.

**1992** Сафари ҳунарӣ дар «Даҳаи мусиқии фахр» дар шаҳри Теҳрони давлати исломии Эрон.

# 1. ЭҶОДИЁТИ ОДИНА ҲОШИМОВ

## 1.1 Нашри алоҳида

### 1998

1. Навои шодиву ғам [Нота]: Сурудҳо аз эҷодиёти Одина Ҳошим / ДДСТ ба номи М. Турсунзода. – Душанбе: Маориф, 1998. – 72 с.

**Мундариҷа:** Навои шодиву ғам (ба ҷои сарсухан). – С. 3-4; Фалаки даштӣ. – С. 5-6; Даври рӯи. – С. 6-8; Соғари ҳастӣ. – С. 8-10; Сарви қабопӯш. – С. 11-14; Асаре нест. – С. 14-17; Дар кишвари гулҳо. – С. 17-19; Дили мо. – С. 19-22; Зулфи сунбул. – С. 22-24; Нозам. – С. 24-25; Соғари май. – С. 25-29; Занҷири вафо. – С. 29-32; Ихтиёри дил. – С. 32-34; Нигоҳи ту. – С. 35-36; Фалак. – С. 36-42; Мон сӯзад. – С. 42-45; Шод ҳастам. – С. 45-47; Рози хуфтаи дил. – С. 47-49; Ёр медонад магар. – С. 49-51; Чашми навозиш. – С. 52-53; Метапад дил. – С. 54-56; Касеро хабарам нест. – С. 56-58; Ёр ба сӯи хона рафт. – С. 58-62; Боре ба нигоҳе. – С. 63-64; Зи дарди бекасӣ. – С. 65-68; Куҳандиёро. – С. 69-71.

## 1.2 Мақолаҳо дар матбуоти даврӣ

### 1977

2. Дар ҷодаи санъатпарварӣ [Матн]: Театри драмавии мусиқии ш. Кӯлоб // Маориф ва маданият. – 1977.-5 ноябр.

3. Санъати ҳақиқатан халқӣ [Матн]: Дар бораи Театри мусиқӣ-драмавии вилояти Кӯлоб // Роҳи ленинӣ. – 1977.-7 ноябр.

4. Ҳошимов, О. Театр ва инкишофи он [Матн]: (Нақли директори театр оиди рӯзи байналхалқии театр) // Роҳи ленинӣ. – 1977.- 26- март.

### 1978

5. Ёдат ба хайр Маҳмудҷон [Матн]: Маҳмудҷон Воҳидов артисти хизмат-нишондодаи республика // Роҳи ленинӣ. – 1978.-5 ноябр.

## 2. Мусоҳибаҳо

### 1984

6. Суруд таҷассуми зебоист [Матн]: Сӯҳбат бо ҳофизи халқии РСС Тоҷикистон Одина Ҳошим ва артисти хизматнишондодаи республика С. Қосимова / Мусоҳиб С. Аюбӣ // Роҳи ленинӣ. – 1984.-11 май.

7. Сурудхонӣ сухандонӣ аст [Матн]: Мусоҳиба бо ҳофизи халқии Тоҷикистон ва арбоби хизматнишондодаи республика / Мусоҳиб С. Аюбзода // Адабиёт ва санъат. – 1984.-5 июл.

8. Суруд ҳамнафаси зиндагист [Матн]: Мақолаи ҳофизи халқии республика // Тоҷикистони советӣ. – 1984.-31 июл.

**1990**

9. Мешиносад дили ман бӯи дили сӯхтаро [Матн]: Мусоҳиба бо устод Одина Ҳошим баъд аз ҷашни Борбад // Тоҷикистони советӣ . – 1990 .- 28 апрел.

10. Манбаи илҳоми ман [Матн]: Мусоҳиба бо ҳофизи халқии республика // Бадахшони советӣ . – 1990 .- 16 август.

**1991**

11. Фикр маъқул бифармо, гули бе хор куҷост? [Матн]: Сӯҳбат бо ҳофизони театри мусиқию мазҳакавии ба номи С. Вализодаи вилояти Кӯлоб // Навиди Вахш . – 1991 . – 2 июл.

**1992**

12. Бӯи атри Фаронса овардам [Матн]: Мусоҳиба бо ҳофизи мардумии Тоҷикистон Худоибахшов // Хатлон. – 1992. – 1 январ.

13. Мо ҳам як пораи хоки Ironием [Матн]: Мегӯяд ҳофизи мардумии Тоҷикистон дар сӯҳбат бо рӯзноманигорони рӯзномаи «Хатлон» // Бадахшон. – 1992. – 3 март.

**1993**

14. Қадри якдигар кай бидонем? [Матн]: Нақли ҳофизи мардумии Тоҷикистон О. Ҳошим аз таасуроти сафараш ба Фаронса // Адабиёт ва санъат. – 1993. – 1июл.

**2007**

15. Сафари Париж // Рӯзи Одина [Матн]: Маҷмӯаи мақола, гузориш ва хотираҳо. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 112 с.

**2008**

16. Шуморо Худо ислоҳ кард. Тақдими як каф хоки Рӯдакӣ ба тоҷикони он сӯи марз [Матн]: Ёде аз як сури арӯсӣ ба Ӯзбекистон // Миллат. – 2008. – 22 май.

## 3. НАШРҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

### 3.1. Ба забони тоҷикӣ

17. Одина Ҳошим. фалак [Манобеи электронӣ]. – Низоми дасрасӣ: mp3-sait.info/listen/одина%20%20хошим%20фалак

18. Одина Хошим — Ғазал ва фалакиҳо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дасрасӣ: mp3freemusic. Ru / track / odina _ hoshim _ fazal _ va _ falakiho _4/

19. Ҳализода -«Одина Ҳошим - Ғазал ва фалакиҳо» [Манобеи электронӣ]. – 3 марта 2010. – Низоми дасрасӣ: fotki.yandex.ru › Помощь

20. Одина Ҳошим. фалак - Umorina.info [Манобеи электронӣ]. – Низоми дасрасӣ: umorina.info/track/одина%20%20хошим%20фалак

21. Одина Хошимов - Зафар Нозимов - Чурабек Муродов ...[Манобеи электронӣ]. – 27 январи 2014. – Низоми дасрасӣ: www. youtube. Com / watch? v=urAFY1ocmuU

22. Одина Ҳошим - Мохи тобон [Манобеи электронӣ]. – 19 феврал 2014. – Низоми дасрасӣ: www.youtube.com/watch?v=MbWNwZ3yhx8

23. ШАХИДОНИ ДАШТИ КАРБАЛО ОДИНА ҲОШИМ [Манобеи электронӣ. – 14 ноябри 2013. – Низоми дасрасӣ: www. youtube. Com / watch? v=qq50qsxprhw

24. Одина Хошимов ва фарзандонаш [Манобеи электронӣ]. – 19 май 2013. – Низоми дасрасӣ: www.youtube.com/watch?v=jOeW-KsRzKw

### 3.2. Ба забони русӣ

25. Одина Ҳошимов ( Фалак) 1 [Электорный ресурс]. – 30 сентября 2011. – Режим доступа: www.youtube.com/watch?v=c_deOr0f5L8

26. Одина Хошим - Мохи тобон Odina Hashim- Mohi tobon ... [Электроный ресурс]. – Режим доступа: mytags.ru/video/.../odna-hom-moh-tobon-odina-hashim-mohi-tobon/

27. Одина Хошим — коллекция песен [Электроный ресурс]. – 1 октября. 2013 . – Режим доступа: music.tajik-gateway.org/?p=288

28. Одина Хошим — коллекция песен [Электроный ресурс]. – 1 октября. 2013 . – Режим доступа: music.tajik-gateway.org/?p=288

29. Одина Хошим www.box.tj - Download-Song.ru…[Электроный ресурс]. – Режим доступа: download-song. Ru / music / Одина + Хошим + www. box.tj.html

30. Коллекция таджикских песен - 1960-2000гг, MP3 (tracks), 128 ... [Электроный ресурс]. – Режим доступа: rutracker. Org / forum / viewtopic. php?t=2943790.

# 4. АДАБИЁТ ДОИР БА ОДИНА ҲОШИМОВ

## 4.1. Нашри алоҳида

### 1985

31. Ҷалилзода, И. Одина Ҳошим [Матн ва расмҳо]: Очерк дар бораи ҳофизи хушхони халқии республика. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 55 с.

**Мундариҷа:** Муқаддима. – С.3-5; Иқдоми аввал. – С.5-8; Дар байни халқ. – С. 8-10; Театр. – С.10-14; Сафарҳои ҳунарии ҳофиз ба мамлакатҳои Шарқ. – С.14-19; Вохӯриҳо дар Арабистон. – С.19-24; Дар ними нафас чи гуна серат бинам. – С.24-30; Одина ва театри мусиқи-драмавии вилояти Кӯлоб. – С.30-33; Ситоиши Одина Ҳошим дар ашъори адибон. – С.40-54.

### 1988

32. Указ Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон: Дар бораи бо грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон мукофотонидани Ҳошимов Одина – солист – вокалисти театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи вилояти Кӯлоб // Ведемостҳои советӣ Олии РСС Тоҷикистон. – 1988. – №7. – С. 9.

### 1989

33. Кароматуллоева, Н. Мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ [Матн] // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Душанбе. 1989- Ҷ. 2. Саҳ. 307.

### 1993

34. Одина Ҳошим [Матн]: (Тақвим бо матн ва шеъри С. Хатлонӣ «Навҳае дар марги устод Одинаи Ҳошим») // Душанбе: Ирфон, 1993, адади нашр 1000 нусха.

### 1994

35. Одина фалак мезад [Матн]: Маҷмӯаи хотираҳо ва ёдгориҳои рӯзгори овозхони варизадаи Шарқ Одинаи Ҳошим. – Душанбе: Сумурғ, 1994. – 176 с.

**Мундариҷа:** Сеҳроварин. – С.3-4; Одина Ҳошим. – С.5; Парвози суруди Одина. – С.5-10; Рози Одинаи Ҳошим. – С.10; Вақте, ки Одина мехонад. – С. 10-19; Барои Одина Ҳошим. – С. 19; Суруди зиндаги поён надорад. – С.20-25; Барои Одинаи Ҳошим. – С.26-27; Диди овозхон ба шахсияти ҳофиз. – С.27-31; Барои устод Одинаи Ҳошим. – С. 31-35; Як сафар. – С.35-38; Муроди мо насиҳат буду гуфтем. – С. 39-51; Хотироти нотакрор. – С.51-58; Ахтари самои ҳунар. – С.59-66; Вопасин оҳанг ва вопасин дидор. – С.66-70; Ӯ аз

нафасу марҳамати поки Худо буд. – С. 70-82; Кӯҳзод (барои Одина Ҳошим). – С.83-84; Ҳайфи доно мурдану. – С.84-97; Суруди Одина. – С.97-99; Дар сӯгвори устод Одинаи Ҳошим. – С.99-100; Осмон ситоразор буд. – С.100-107; Ба ёди устод Одина Ҳошим. – С.107-108; Ашке дар сӯги Одинаи Ҳошим. – С.109-125; Дар сӯгории Одинаи Ҳошим. – С.125-127; Барои Одинаи Ҳошим. – С.127; Рафтиву марҳам зи доғам рафтааст. – С.128-136; Мотам. – С.136; Он шаб. – С.137-143; Фалаки Одина. – С.143-144; Одина фалак мезад. – С.144-145; Илтиҷое ба Одинаи Ҳошим. – С.145; Имсол. – С.146; Навҳае дар марги устод Одинаи Ҳошим. – С.147-149; Ба Одинаи Ҳошим. – С.149; Булбуле тарки чаман кард. – С.150-153; Худрову дигаронро бо чашми худ шиносед. – С.153-155; Сарсафҳаи зиндагии устод. – С.155-160; Сафари меҳмони болиғназарон. – С.160-165; Манзили корвони умри даргузар. – С.166-169; Барои устод Одинаи Ҳошим. – С.170; Кӯдакистон. – С.171.

**1996**

36. Асозода, Х. Ашке дар сӯги Одинаи Ҳошим [Матн]: Ёде аз Одина Ҳошим. – Душанбе: Адиб, 1996. – 208 с.

*Роҷеъ ба Одина Ҳошим ниг. –18, 78*

**1997**

37. Қодиров, С. Салавоте ба Одина [Матн ва расм] / Муҳаррир Ҳ. Шанбезода. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 104 с.

**Мундарича:** Пешгуфтор. – С.5-7; Мавлуд. – С.7-35; Дар паси пардаҳои ҳарир. – С.36-77; Марг бунёди зиндагист. – С.78-89; Дар ҳасрати падар. – С.90-101.

**1998**

38. Гурез Сафар. Ҳабиби дилҳо [Матн]: Шеър, мақола, хотира ва ёддоштҳо аз гузашти рӯзгори Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар ва устод Одина Ҳошим дар саҳифаҳои 6, 37, 48, 49, 71, 88, 96, 101, 107, 110 ёдовар мешаванд // Душанбе, 1998, -133 с.

**2002**

39. Розиқи Содиқ. Равзанаи субҳ [Матн]: Китоб ба 70- солагии ноҳияи Шурообод бахшида шудааст, ки дар саҳифаҳои 126, 129, 136, 137, 144- 151 устод ёдовар мешавад // Душанбе: Матбуот.-2002, -163 с.

**2004**

40. Раҳмонқулов, А. Театри халқии ноҳияи Москва ба номи О. Ҳошимов [Матн] // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Душанбе. 2004- Ҷ. 3. Саҳ. 202-203.

41. Раҳмонқулов, А. Ҳаваскорони санъат [Матн] // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Душанбе. 2004- Ҷ. 3. Саҳ. 440.
42. Ҳофизи халқии РСС Тоҷикистон [Матн] // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Душанбе. 2004- Ҷ. 3. Саҳ. 471.
43. Табаров, С. Ёде аз Одина Ҳошим [Матн]: Китоби хотироти неку фаромушношуданиеро аз садоқати бепоёни муаллиф ба Одина Ҳошим фароҳам овардааст // Душанбе: Матбуот.- 2004.-50 с.
44. Абдуҷабборов, А. Каприччио [Матн] // Душанбе: Деваштич.- 2004, 138 с.

**2006**

45. Кӯлоб [Матн]: Энсиклопедия. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2006. – 638 с.
*Роҷеъ ба Одина Ҳошим ниг. – С. 583*
46. Салим, М. Фалаки Одина Ҳошим [Матн]. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 64 с.
*Роҷеъ ба Одина Ҳошим ниг. – 18*
47. Мамадризоев, Т. Бахшида ба 2700- солагии шаҳри Кӯлоб. Фестивали 2-юми байналмилалии «Фалак» [Матн]: Рисола аз хизматҳои устод О. Ҳошим дар рушди фалак, мактаби ӯ, идомадиҳии анъанаҳои бузурги фалак дар асри XX ҳикоят мекунад // Буклет.- Душанбе,- Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон- 2006.

**2007**

48. Рӯзи Одина: Маҷмӯаи мақола, гузориш ва хотираҳо / Мураттибон Р, Ҳошим, Н. Қосим. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 110 с.
**Мундариҷа:** Устоди мактаби завқ (ба ҷои пешгуфтор). – С. 3-4; Парвози сурур. – С. 5-7; Суруди зиндагӣ поён надорад. – С. 8-12; Вақте, ки Одина мехонад. – С. 13-18; Ромишгари нуктадон. – С. 19-22; Булбули хушилҳон, ҳофизи хушовоз. – С. 23-24; Ромишгари дилҳо. – С. 25-28; Сафари Париж. – С. 29-31; Як фалакзани аз фалак баланд. – С. 32-33; Гулдаста ба Боми ҷаҳон. – С. 34 -35; Муъҷизаи овоз. – С. 36; Сеҳри суруд. – С. 37-38; Ҳайкали ҷовидон. – С. 39-42; Ҳофиз аз диди овозхон. – С. 43-45; Шамъи маҳфил. – С. 46-54; Дилаи доғи дидор аст. – С. 55-59; Ҳамболи фалак. – С. 60-64; Муроди мо насиҳат буду гуфтем. – С. 65-72; Корвони Одина Ҳошим. – С. 73; Дарёдили гавҳаршинос. – С. 74-76; Осмон ситоразор буд. – С. 77-78; Ӯ аз нафасу марҳамати поки Худо буд. – С. 79-86; Исонафаси садову наво. – С. 86; Сӯзи дил. – С.87-91; Ҳофизи сурудҳои осмонӣ. – С. 92-93; Ишқи ватан. – С. 94; Мегӯянд, ки. – С. 95-96; Фурсати умр. – С. 97; Рафтиву аз рафтанат. – С. 98-103; Фоли Одина. – С. 104; Падарам. – С. 105.

**2009**

49. Донишномаи Шашмақом. – Душанбе: Академияи илмҳои ҶТ, Контраст, 2009. – С. 514.

*Роҷеъ ба Одина Ҳошим ниг. – С. 372*

## 4. 2. Мақолаҳо дар матбуоти даврӣ

**1963**

50. Муллоев, Ғ. Ҳофизи халқ [Матн]: Саррежисёри театри халқии районї Москва Одина Ҳошим // Маориф ва маданият. – 1963. – 21 ноябр.

**1964**

51. Муллоев, Ғ. Ҳофизи халқӣ [Матн]: Дар бораи дода шудани унвони ҳофизи халқӣ ба Одина Ҳошим // Ҳаёти қишлоқ. – 1964. – 5 январ.

**1966**

52. Сафарзода, Ғ. Парвози суруди Одина [Матн]: Аз фаъолияти ҳофизи халқии республика Одина Ҳошим // Тоҷикистони советӣ. – 1966. – 27 ноябр.

**1970**

53. Хоҷаев, М. Сарояндаи сурудҳои диловар [Матн]: Дар бораи ҳофизи халқии РСС Тоҷикистон Одина Ҳошим // Маориф ва маданият. – 1970. – 3 сентябр.

**1973**

54. Ризвонов, М. Дастаи ҳунарии Одина Ҳошим дар Ғарм [Матн] // Қаротегини советӣ. – 1973. – 16 июн.

**1977**

55. Ҷализода, И. Одина [Матн]: Очерк дар бораи директори Театри мусиқӣ-драмавии вилояти Кӯлоб Одина Ҳошим // Роҳи ленинӣ. – 1977. – 13-16 апрел.

**1981**

56. Партаев, А. Суруди «Фалакӣ» то бар фалак буд [Матн]: Дар бораи фалаксароёни Республика Одина Ҳошим ва дигарон // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 7 август.

57. Мақбули тамошобин [Матн бо акси О. Ҳошимов]: Суратгирон И. Рабиев ва О. Яҳёев. // Ҳақиқати Ленинобод.-1981.10 – июн.

**1983**

58. Млсенков, В. Сурудам, некхоҳи одамон бош! [Матн]: (Тарҷумаи И. Юсуфӣ) // Зафар.- 1983- 19, 21, 23- апрел.

59. Аюбзода, С. Дили ӯ махзани шеъру суруд аст [Матн]: Дар бораи ҳофизи халқии РСС Тоҷикистон Одина Ҳошим // Роҳи ленинӣ. – 1983. – 13 май.

60. Ҳакимов, З. Мартабаи ҳофиз [Матн]: Ҳофизи халқии республика Одина Ҳошим // Тоҷикистон советӣ. – 1983. – 22 май.

61. Шарифова, М. Дил ба суруд додам [Матн]: Аз фаъолияти эҷодии артисти РСС Тоҷикистон Одина Ҳошим // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 7 октябр.

**1984**

62. Сафар, А. Саёҳи мулки чинҳо [Матн]: Ҳофизи халқии республика Одина Ҳошим // Тоҷикистони советӣ. – 1984. – 10 январ.

63. Шанбезода, Н. Эъҷоз [Матн]: Шеър ба мутриби беназири тоҷик Одина Ҳошим // Роҳи ленинӣ. – 1984. – 7 ноябр.

**1985**

64. Ҳайдаршо, Ҳ. Ручуи дилҳо [Матн]: Шеър ба Одина Ҳошим // Газетаи миллат. – 1985. – 26 январ.

65. Ғафуров, Ғ. Вохурӣ бо ҳофиз [Матн] // Роҳи ленинӣ. -1985.-21 март.

66. Хоркашов, Г., Салимов, М. Суруди зиндагӣ [Матн]: // Роҳи ленинӣ. – 1985. – 3 август.

67. Сафар, А. Суруди Одина [Матн]: Шоир дар бораи овозхон Одина Ҳошим // Адабиёт ва санъат. – 1985. – 31 октябр.

68. Юсуф, М. Ҳофизи мумтоз [Матн]: Шеър барои ҳофизи халқии Республика Одина Ҳошим // Газетаи миллат. – 1985. – 7 декабр.

**1986**

69. Ғоиб, Ҳ. Қиссаи дутори Акашариф Ҷӯраев [Матн]: Дар бораи ҳофизи халқии РСС Тоҷикистон Одина Ҳошим // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 27 март.

**1987**

70. Алиева, Х. Боз бишнидам садоят [Матн]: Доир ба савту каломи ҳофизи халқии РСС Тоҷик истон Одина Ҳошим // Роҳи ленинӣ. – 1987. – 23 январ.

71. Абдулло, З. Васфи ҳофиз [Матн]: Шеър бахшида ба сарояндаи номӣ Одина Ҳошим // Роҳи ленинӣ. – 1987. – 11 июн.

72. Ҷамшедзода, И. Васфи Ҳофиз [Матн]:Шеър бахшида ба сарояндаи номӣ Одина Ҳошимов //Роҳи ленинӣ. – 1987. – 1 июл.

73. Алиев, М. Лаҳзае аз суруди Одина [Матн]: Сухан дар бораи ҳофизи хушхон Одина Ҳошимов // Роҳи ленинӣ. – 1987. – 11 июл.

74. Ёдгорӣ, Ш. Васфи ҳофиз [Матн]: Шеър бахшида ба ҳофизи номӣ Одина Ҳошим // Роҳи ленинӣ. – 1987. – 11 июл.

75. Миров, М. Ҷашнат муборак Устод [Матн]: Бахшида ба 50-солагии зодрӯзи ҳофизи республика Одина Ҳошим // Роҳи ленинӣ. – 1987. – 11 июл.

76. Одинаю тори чанг дорад Кӯлоб [Матн]: Саҳифа бахшида ба 50-солагии рӯзи таввалуд ва 30-солагии фаъолияти эҷодии ҳофизи номӣ Одина Ҳошим // Роҳи ленинӣ. – 1987. – 11 июл.

77. Ҳамдам, А. Розу ниёзи як марди танҳо [Матн]: Ҳикояте аз ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ҳофизи халқии Тоҷикистон Одина Ҳошим // Комсомоли Тоҷикистон. – 1987. – 30 сентябр.

78. Аюбзода, С. Таронасарои писандида [Матн бо аксҳо ҳангоми ҳунарнамоӣ]: (Очерк ба муносибати 50- солагии Ҳофизи халқии Тоҷикистон Одина Ҳошимов) // Матбааи Кӯлоб.- 1987. Правленияи Ҷамъияти «Дониш»- и вилоят.

**1988**

79. Масрур, Ғ. Сар бар пояш мениҳам ҳар ки сухан мепарвард [Матн]: Консерт бо иштироки ҳофизи номӣ Одина Ҳошим // Роҳи ленинӣ. – 1988. – 17 феврал.

80. Олимпур, М. [Матн ва сурати овозхони театр Одина Ҳошим]: // Адабиёт ва санъат. – 1988. – 21 апрел.

81. Асоев, Х. Ҳофиз бошад, Одина Ҳошим, бошад [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1988. – 25 август.

82. Сафаров, Т. Ҳофизе ки дӯстори мардум аст [Матн]: Одина Ҳошим ба мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ пешниҳод карда шуд // Тоҷикистони шӯравӣ. – 1988. – 11 сентябр.

83. Аюбӣ, С. Асилзодаи санъати тоҷик [Матн]: Аз фаъолияти эҷодии ҳофизи халқии республика Одина Ҳошим ш. Кӯлоб // Роҳи ленинӣ. – 1988. – 15 сентябр.

84. Табаров, С. Ромишгари нуқтадон [Матн]: Андешаҳо роҷеъ ба дастовардҳои ҳунарии овозхони машҳур Одина Ҳошим // Адабиёт ва санъат. – 1988. – 15 сентябр

85. Аюбзода, С. Одина Ҳошим ва мардум [Матн]: Аз ҳаёт ва фаъолияти ҳофизи халқии республика Одина Ҳошим // Роҳи ленинӣ. – 1988. – 13 октябр.

